**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович дар мавзуи “Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ**

Таҳқиқу баррасии осори мансури ирфонӣ аз ҷумлаи масъалаҳои умдае ба шумор меравад, ки дар адабиётшиносии форсу тоҷик аз ҳар ҷиҳат, аз ҷумла аз лиҳози сохтор, мундариҷа, вежагиҳои сабкӣ, шеваҳои нигориш ва истифодаи ашъору ҳикоёти форсӣ аз аҳаммияти муҳимме бархурдор мебошад. Рисолаҳои ирфонӣ бо он ки ҷанбаҳои қавии фалсафиву ҳикамӣ доранд, муаллифонашонро ҳамчун нависандаи осори адабӣ дар иртибот ба корбасти васеи зарбулмасалу мақол, саноеи бадеӣ ва ҳикоёту амсол муаррифӣ менамоянд.

Яке аз чунин чеҳраҳои барҷастаи насри классикии форсу тоҷик Азизуддини Насафӣ ба ҳисоб меравад, ки баррасии вежагиҳои сохториву мавзуӣ ва сабкии рисолаҳои ӯ меҳвари диссертатсияи Сатторов Ҳабибулло қарор гирифтааст. Аз мутолеаи автореферати диссертатсия “Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)” пайдост, ки осори насри ирфонӣ аз анвои мутадовили насри классикӣ диниста шуда, баррасии он ба ҳайси як навъи мустиқили насри ҳунарӣ аз зовияҳои забон ва аносири тасвири бадеӣ аз аҳамияти хос бархурдор аст. Дар диссертатсияи Сатторов Ҳабибулло таълифоти мансури Азизуддини Насафӣ бар асоси ҳамин равиш ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Диссертант мубрамияти мавзуи таҳқиқро бо далелҳои муътамад матраҳ намуда, пеш аз ҳама дараҷаи омӯзиши онро дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ муқаррар кардааст. Аз равиши таҳқиқот ва

сарчашмаҳои мавриди истифодаи унвонҷӯ равшан мегардад, ки ӯ насри суфиёнаро ба масобаи ҷузви ҷудонопазири насри классикӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, дар ин замина арзишҳои адабии рисолаҳои Азизуддини Насафиро дар мисоли “Зубдат-ул-ҳақоиқ”, “Кашф-ул-асрор” ва “Мақсад-ул-ақсо” таъйид кардааст.

Дисссертант дар ҷараёни таҳқиқ ба шеваҳои нигориши насри суфиёна, вижагиҳои сабкӣ, истифодаи ашъори форсӣ, тамсил ва ҳикоёт, дар рисолаҳои Азизуддини Насафӣ таваҷҷуҳи хос мабзул доштааст. Дар канори ин, масъалаҳои сохторшиносӣ, осори Насафӣ ва корбурди аносири забони форсии фарорудӣ дар таълифоти ин нависандаи ориф дар сатҳи матлуб таҳқиқ шуда, арзиш ва аҳаммияти онро дар шинохти вежагиҳои бадеӣ ва ҷанбаҳои муҳимми услуби иншои адиб муайян карда шудаанд.

Хулосаҳои илмии диссертатсия дар 19 банди назарӣ ва шаш тавсия барои истифодаи амалии он баён гардидаанд, ки натиҷагириҳои амиқи муаллифи онро бозгӯӣ мекунанд. Дар маҷмуъ, диссертатсия бо сабки матини илмӣ ва истифодаи манобеи адабиву илмӣ ва таърихӣ иншо шуда, кӯшишҳои муҳаққиқи ҷавонро дар адабиётшиносии тоҷик ба унвони яке аз нахустин пажуҳишгарон дар ин арса муаррифӣ кардааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки бозандешии онҳо дар такомули мундариҷаи илмии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Аз автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик то кунун мутуни осори насри Азизуддини Насафӣ тасҳеҳ ва нашр нашудаанд. Хуб мешуд, ки муҳаққиқ дар баробари таълифи ин диссертатсия мутуни як ё ду рисоларо ба ҳукми замимаи он тасҳеҳ ва манзур менамуд.
2. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳатмист.

Дар маҷмуъ, метавон изҳор дошт, ки диссератсияи Ҳабибулло Сатторов дар мавзуи "Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)" кори анҷомёфта ба шумор меравад. Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант қобили эътимод буда, диссертатсия дар сатҳи муносиби илмию пажуҳишӣ таҳия ва таълиф гардидааст. Бо итминон метавон изҳор дошт, ки Сатторов Ҳабибулло шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ мебошад.

**Доктори илми филология, профессор,**
**Академики АМИ Тоҷикистон,**
**узви Комиссияи марказии интихобот ва**
**раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Салимӣ Н.Ю.**

**суроға:**
**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42**
**тел.: (+992)98-797-55-55**

**Имзои Н. Салимиро тасдиқ мекунам:**
**Мудири бахши умумӣ, кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Дастгоҳи марказии интихобот**
**ва раъйпурсии ҶТ** **Рабиев Т.Н.**

**суроға:**
**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42**
**тел.: (+992)98-787-64-64**

01. 12. соли 2023